# НАТИҶАҲОИ
## санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри иҷрои банди 54 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025), ки ба нашр расонидани натиҷаи тафтишу санҷишҳои молиявӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ва сомонаҳои интернетӣ пешбинӣ намудааст, иттилоъ медиҳад, ки дар асоси фармоишҳои Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2022, №81 ва аз 23 апрели соли 2022, №115 тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагидории Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз моҳи марти соли 2020 то моҳи марти 2022 гузаронида шуд.

Санҷиши қаблии фаъолияти молиявию хоҷагидории Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси фармоишҳои Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, давраи аз 1 марти соли 2018 то 1 марти соли 2020-ро дарбар гирифтааст. Оид ба натиҷаи санҷиш санад аз 10 апрели соли 2020 тартиб дода шудааст.

Тафтиши навбатӣ дар асоси барномаи корӣ гузаронида шуда, амалиётҳои хазинавию бонкӣ бо тарзи яклухт ва дигар амалиётҳо бо таври интихобӣ, мавриди санҷиш қарор дода шуданд.

Вобаста ба амалиётҳои мавриди санҷиш қарор дода шуда, натиҷаҳои зерин муайян карда шуданд:

### Санҷиши дурустии ташаккул ва иҷроиши сметаи хароҷотӣ

Сметаҳои ягонаи даромад ва хароҷотии Агентӣ тибқи талаботи дастурамали Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди тартиб додани сметаи хароҷотӣ дар муассисаҳои буҷетӣ» тартиб дода шуда, аз тарафи Директори Агентӣ тасдиқ ва бо Сарраёсати буҷети давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудааст.

Нигоҳдории Агентӣ тибқи сметаи хароҷотӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ тавассути Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад.

Ҳолатҳои вайрон кардани дастурамалҳо ва интизоми молиявӣ ошкор карда нашудааст.

### Таҳлили дурустии даромаду хароҷоти маблағҳои ғайрибуҷетӣ

Санҷиш нишод дод, ки ба ғайр аз маблағҳои буҷетӣ Агентӣ дорои маблағҳои ғайрибуҷетӣ буда, тибқи “Дастурамал оиди баҳисобгирӣ ва ҳисобдиҳии маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷети давлатӣ” аз 3 феврали соли 2010, №16 бо мақсади ҷамъоварӣ ва хароҷоти маблағҳо дар назди Сарраёсати

хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон суратҳисоби маблағҳои махсус кушода шудааст.

Манбаъҳои маблағҳои махсуси Агентӣ аз ҳисоби хизматрасониҳои пулакии аз ҷониби довталабони озмунҳои харид пардохтшаванда, ташаккул меёбад. Омӯзиши ҳисоботҳои муҳосибӣ муайян намуд, ки аз тарафи Агентӣ пардохтҳо аз даромадҳои маблағҳои махсус ба буҷет ва ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молияви барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ саривақт ва ба пуррагӣ пардохт карда шудааст.

## Санҷиши амалиётҳои хазинавӣ ва бонкӣ

Санҷиш нишон дод, ки хазинаи Агентӣ дар утоқи кории алоҳида ҷойгир карда шуда, дару тирезаи он бо панҷараҳои оҳанин ва огоҳкунаки барқӣ таҷҳизонида шудааст.

Ҳисоботҳои муҳосибӣ нишон дод, ки Агентӣ дорои маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ буда, ҳисоботҳои хазинавии онҳо дар алоҳидагӣ бурда шудааст.

Дар натиҷа маълум гардид, ки дар хазинаи маблагҳои буҷетӣ ва махсус бақияи маблагҳои пулӣ мавҷуд нест.

Муқоисаи натиҷаи баҳисобгирӣ бо ҳисоботҳои муҳосибӣ дар хазинаи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои махсус камомад ва зиёдомади маблағҳои пулиро ошкор насохт.

Амалиётҳои бонкӣ нишон дод, ки ҳисоббаробаркуниҳо бо буҷет, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, иттифоқи касаба ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ тавассути суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ амалӣ гашта, дар доираи хароҷотҳои дар сметаи хароҷотӣ пешбинигардида, ба анҷом расонида шудаанд.

## Санҷиши риояи тартиби дуруст ҳисобӣ ва пардохт намудани музди меҳнат

Барои пешбурди фаъолият ва ба низом даровардани воҳидҳои корӣ дар Агентӣ ҳамасола ҷадвали басти вазифаҳои хизматчиёни давлатии маъмурии хизмати давлатӣ, кормандони техникӣ ва хизматрасонӣ дастгоҳи марказии Агентӣ таҳия ва аз ҷониби директори Агентӣ тасдиқ гардида, бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ карда мешавад.

Дар Агентӣ музди меҳнат мувофиқи барномаи электронӣ дар асоси ҷадвали басти воҳидҳои корӣ, табелҳои ҳисоби рӯзи корӣ ҳисобӣ гардида, барои ҳар як давраи ҳисоботӣ китоби музди меҳнат тартиб дода шудааст.

Дар тамоми давраи дарбаргирии тафтиш пардохти музди меҳнати кормандони Агентӣ ба тариқи ғайринақдӣ тавассути кортҳои электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади муайян намудани дурустии пардохти музди меҳнат, дар рафти тафтиш санҷиши интихобии риояи тартиби дуруст ҳисобӣ ва пардохт намудани музди меҳнат гузаронида шуд, ки дар натиҷа санҷиш ҳолатҳои бе асос пардохт намудани музди меҳнатро ошкор насохт.

## Санҷиши амалиётҳои ҳисоботи бо шахсони ҳисоботдиҳанда

Дар Агентӣ ҳисоббаробакуниҳо бо шахсони ҳисобдеҳ мувофиқи ордери меморіалии 8 тибқи ҳисоби гардишии 114610 ва 114611 “Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисоботдиҳанда” ба роҳ монда шудааст, ки ин ҳисоботҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ тартиб дода шудаанд.

Санҷиши интихобии риояи тартиби дуруст ҳисобӣ ва пардохт намудани сафархарҷӣ муайян намуд, ки дар давраи тафтишӣ дар Агентӣ пардохти сафархарҷӣ мувофиқ ба талаботҳои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №531 аз 31 октябри соли 2008 “Дар бораи пардохти хароҷотҳои сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба роҳ монда шудааст.

## Санҷиши даромад, нигоҳдори ва хароҷоти воситаҳои асосӣ ва молу амволи арзишдор

Ҳисоботҳои муҳосибӣ нишон дод, ки аз ҷониби шахсони масъули моддӣ дар тамоми давраи дарбаргирии тафтиш вобаста ба даромад ва хароҷоти молу маводи арзишдор ҳисоботҳои моддӣ тартиб дода шуда, ба муҳосиботи Агентӣ пешниҳод карда шудааст.

Тибқи талаботҳои моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” барои таъмини боэътимоди маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ташкилотҳо ухдадоранд, ки пеш аз тартиб додани ҳисоботи солонаи муҳосибӣ молу мулк, дороиҳо ва ухдадориҳояшонро ба рӯйхат гиранд.

Санҷиш муайян намуд, ки дар давраи тафтишӣ аз тарафи масъулини Агентӣ пеш аз тартиб додани ҳисоботи солонаи муҳосибӣ дар зерҳисоби шахсони масъули моддӣ барӯйхатгирии молу маводи арзишдор гузаронида шудааст.

Бо мақсади ҳифз ва истифодаи самарабахши амволи давлатӣ ва баҳри иҷрои фармоиши Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муборизаи бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2022, №81 дар асоси фармоиши директори Агентӣ аз 31 марти соли 2022, №33 комиссияи бақайдгирии молу мулк таъсис дода шуда, дар зерҳисоби шахси масъули моддӣ баҳисобгирии молу маводи арзишдор гузаронида шуд.

Дар натиҷаи баҳисобгирӣ ва муқоисаи натиҷаи он бо ҳисоботҳои муҳосибӣ камомад ва ё зиёдомади молу маводи арзишдор ошкор нагардид.

Санҷиши интихобии даромад ва хароҷоти молу маводи арзишдор муайян намуд, ки дар давраи дарбаргирии тафтиш тамоми молу маводи арзишдори харидашуда дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда даромад ва хароҷот карда шуда, ҳамаи ҳуҷҷатҳои даромад ва хароҷотӣ дар ҳисоботҳои моддӣ дарҷ гардидаанд.

Санҷиш ҳолатҳои бе асос хароҷот намудани молу маводи арзишдорро ошкор насохт.

## Санҷиши риояи тартиби ҳисоббаробаркуниҳо бо корхонаю ташкилотҳо

Дар Агентӣ тартиби ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет аз рӯи андозҳои

муқарраргардида, аз ҷумла андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андозҳои ҳифзи иҷтимоӣ аз музди меҳнати кормандон тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо корхонаю ташкилотҳо вобаста ба хариди мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо дар доираи қарордодҳо амалӣ гардидааст.

Ҳисоббаробаркуниҳо бо корхонаю ташкилотҳо тибқи ордери мемориалии 6 мувофиқи ҳисоби гардишии 211110 “Ҳисобҳо барои қабул” ва 113100 “Ҳисобҳо барои пардохт” ба роҳ мондааст.

Санҷиш муайян намуд, ки тамоми амалиётҳои молиявӣ вобаста ба таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо бо корхонаю ташкилотҳо дар ҳисоботҳои гардишӣ дарҷ гардида, ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо ба инобат гирифта шуда, ба пайдоиши қарзҳои дебиторӣ ва кредитории беасос роҳ дода нашудааст.

Дар давраи дарбаргирии тафтиш вобаста ба пардохтҳои коммуналӣ ва андозҳо байни Агентӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоббаробаркунӣ гузаронида нашудааст.

## Санҷиши риояи тартиби ба иҷора додани амволи давлатӣ

Мувофиқи талаботҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2011, №537 “Дар бораи тартиби ба иҷора супоридани амволи давлатӣ” бо мақсади истифодаи самараноки амволи давлатӣ мақоми ваколатдор, яъне Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ бо пешниҳоди дорандаи баланс амволи давлатиро ба шахсони ҳуқуқию воқеӣ ба иҷора медиҳад.

Дар давраи дарбаргирии тафтиш молу мулки Агентӣ ба иҷора дода нашудааст.

## Санҷиши ҳолатҳои муҳосибӣ ва қарзҳои дебиторию кредиторӣ

Дар Агентӣ ҳисобот ва ҳисобдиҳии муҳосибӣ дар асоси талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 марти соли 2011, №702 «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳои молиявӣ» ба роҳ монда шудааст.

Дар рафти тафтиш маҷмуи ҳисоботҳои ҳармоҳа, семоҳа ва дигар хисоботҳо бо ҳуҷҷатҳои аввалия мавриди санҷиши муқоисавии интихобӣ қарор дода шуданд, ки дар натиҷа байни ҳисоботҳо фарқият муайян нагардид.

Ҳисоботҳои семоҳа ва солонаи молиявӣ, оморӣ ва эъломияҳои андоз саривақт тартиб дода шуда, дар муҳлатҳои муқарраршуда ба мақомотҳои молиявӣ, оморӣ ва андоз пешниҳод карда шудаанд.

Бо мақсади дастрас намудани молу маводи арзишдор дар Агентӣ китоби бақайдгирии бовариномаҳо ба роҳ монда шуда, тибқи талаботҳои муқарраргардида саҳифабандӣ, бо ресмон маҳкам ва бо муҳр тасдиқ карда шудааст. Дар ҳисоботҳои муҳосибӣ оид ба истифодабарии бовариномаҳои додашуда маълумотҳо пурра дарҷ карда шудаанд.

Дар рафти тафтиш талаботҳои моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 августи соли 2020, №1714 “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” мавриди санҷиш қарор дода шуда, ҳолатҳои бевосита дар итоат ва таҳти назорат фаъолият намудан, инчунин ҳисобдиҳанда будани хешовандони наздик ошкор карда нашуд.